## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исматуллои Шерхон дар мавзуи «Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар шароити кунунӣ муносибатҳои хоҷагидорӣ шакли нави фаъолиятро ба худ касб намуда, тадриҷан ба муҳити рақамикунонӣ ворид шуда истодаанд. Ин раванди зудинкишофёбанда барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи бозсозии муносибатҳои нави иқтисодӣ қарор дорад, басо масъалаи мубрам ва баррасии унсурҳои таркибии он хусусан такмили механизми хизматрасониҳои маишӣ саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади асосӣ ва ниҳоии дилхоҳ субъекти иқтисодӣ пешниҳоди хизматрсониҳои сифатнок ба аҳолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи хоҷагиҳои дар низоми иқтисоди миллӣ амалкунанда мебошад.

Раванди босуръати рушди бозори хизматрасониҳои маишӣ зарурати ҷорӣ намудани механизмҳои муосири иқтисодӣ, танзими муассири фаъолияти субъектҳои бозор, такмили роҳҳои танзими давлатии ин бахш ва таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои марбутаи давлатиро тақозо менамояд. Дар ин замина, муҳим он аст, ки банақшагирии барномавии хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ бо такя ба таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳо ва дурнамои рушди соҳа сурат гирад.

Муаллиф ба таври ҳамаҷониба паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии мавзуъро таҳлил намуда, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии бозори мазкурро дар заминаи равандҳои рақамикунонӣ пешниҳод намудааст, ки аз аҳаммияти баланди илмӣ шаҳодат медиҳад.

Дар автореферати мазкур таҳлили омилҳои маҷмуии таъсиррасон ба рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои маишӣ пешниҳод гардида, қайд гардидааст, ки барои ташкили оқилонаи раванди хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва умуман банақшагирии стратегии рушди соҳа хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Инчунин, дар автореферат субъектони хоҷагидорӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, саҳми субъектони иқтисодӣ дар бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта матраҳ гардидааст.

Яке аз мушкилоти асосии ақибмонии БХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромаднокии пасти субъектони иқтисодии он мебошад. Истифодаи шабакаи иттилоотӣ дар ин самт метавонад дар баланд гардидани имкониятҳои пулии корхонаҳои соҳаи хизматрасонии маишӣ нақши калидӣ дошта бошад.

Дар ҳақиқат интихоби варианти мувофиқу рушддиҳандаи соҳа ин бо роҳи татбиқи технологияҳои пуриқтидори рақамӣ ва имкониятҳои он зина ба зина бартараф намудани мушкилот дар самти пешниҳод ва дастрасии хизматрасониҳо мебошад. Айни замон, ки раванди дастрасӣ ба хизматрасониҳои маишӣ то рафт меафзояд, зарурати такмили инфрасохтор ва марҳила ба марҳила ворид ва васеъ намудани доираи пешниҳод ва дастрасии хизматрасониҳо зарур мебошад.

Аз рӯйи таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо, инчунин, маводи дар автореферат дарҷгардида қайд намудан мумкин аст, ки дорои муҳтавои мушаххас мебошад ва мазмуни кори илмиро пурра инъикос менамояд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ошкор карда шудааст:

1. Ҳангоми таҳияи амсилаи иқтисодӣ - математикӣ ҳамаи омилҳои таъсиррасон, ба таври мушаххас дарҷ нагардидааст.
2. Дар саҳифаи 23 ҷадвали 9 таносуби нишҳондиҳандаҳои индекси хароҷоти аҳолӣ ба хариди молҳо ва пардохти музди хизмат оварда шудааст, ки пардохти музди хизмат 14,12% зиёд буда ва индекси ҳаҷми хизматҳои пулакӣ 0,58% коҳиш ёфтааст. Асоснок карда нашудааст, ки чаро индекси хароҷотҳои аҳолӣ нисбат ба индекси ҳаҷми хизматҳои пулакӣ зиёд мебошад.

Эродҳои ошкоргардида мазмуну мундариҷаи кори иҷрошударо инкор наменамояд. Диссертатсияи мазкур ба талаботҳои муқаррарнамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯй мебошад.

Кори диссертатсионии Исматуллои Шерхон дар мазвуи “Такмили механизми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” кори мустақиман анҷомдодашуда арзёбӣ гардида, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда: номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедари технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Тӯлиев М.С.**

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Телефон: (+992) 939000446,
E-mail: mukhammad.ali.82@mail.ru

*Имзои М.С. Тӯлиевро тасдиқ менамоям:*

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷураев Ш.Н.**

Суроғаи муассиса: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Сомонаи расмӣ: https://www.iutet.tj
Суроғаи электронӣ: info@iutet.tj
Телефон: (+ 992 37) 234-88-02, (+ 992 37) 234-88-24

«___» ______ соли 2025